*ТДУ 33Т*

**ВАЪЗИ МУОСИРИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ ВА АМСИЛАРОНИИ ОН**

***Шукуров Абдуназар Абдухалилович,*** *сармуаллими кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти МДТ «ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**СОВРЕМЕННЫЕ ПРОЦЕССЫ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В ЭКОНОМИКЕ И ЕЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ**

***Шукуров Абдуназар Абдухалилович,*** *старший преподаватель кафедры информационных технологий в экономике ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

**MODERN PROCESSES OF LABOR MIGRATION IN THE ECONOMY AND ITS MODELING**

***Shukurov Abdunazar Abdukhalilovich****, Senior Lecturer of the Department of Information Technology in Economics, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *abdunazar_82@ mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *муҳоҷират, амсиларонӣ, омор, меҳнат, равандҳои муҳоҷират, муҳоҷирати дохилӣ ва байнидавлатӣ.*

*Муҳоҷирати аҳолӣ дар худ раванди иҷтимоию демографиро таҷассум намуда, ба рушди системаҳои иқтисодии минтақаҳои дар равандҳои муҳоҷират ҷалбгардида таъсири назаррас мерасонад. Солҳои охир ҳаракати доимо афзудаистодаи аҳолӣ ба мушоҳида расида истодааст. Бояд тазаккур дод, ки дар доираи низомҳои иқтисодии минтақаҳо равандҳои муҳоҷират дар худ раванди мустақим ва баръакси захираҳои меҳнатиеро ифода намуда истодаанд, ки дар динамикаи рушди он нишон дода шудаанд. Дар шароити мавҷуд набудани монеаҳои боздорандаи муҳоҷират раванди муҳоҷират метавонад ба ташкилкунӣ ё бартарафкунии нобаробарӣ дар рушди системаҳои иқтисодии ноҳияҳои ҳамсоя таъсир расонад, ки аз минтақаҳои дорои низоми иқтисодӣ ва инфрасохторашон сусттараққикарда ба минтақаҳои ободтар мегузаранд. Дар мақола, амсиларонӣ, таҳлили муҳоҷирати аҳолӣ, омӯзиши намудҳои гуногуни он аз рӯи фарогирии ҳудудӣ - байнидавлатӣ ва дохилӣ (масалан, байни вилоятҳо ва дохили вилоятҳо, байни ноҳияҳо ва дохили ноҳияҳо) дар назар дошта шуда, муносибатҳои муҳоҷирати аҳолӣ, аҳамияти онҳо барои ташаккули аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии воҳидҳои алоҳидаи ҳудудӣ ва нуқтаҳои аҳолинишин маълумотҳои зарурӣ оварда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *миграция, моделирование, статистика, труд, миграционные процессы, внутренняя и межгосударственная миграция*

*В статье рассматриваются вопросы о процессе миграции населения, который воплощает собой социально-демографический процесс и оказывает существенное влияние на развитие экономических систем регионов, вовлеченных в миграционный процесс. В последние годы замечено все возрастающее перемещение населения. Следует отметить, что в рамках экономических систем регионов миграционные процессы представляют собой прямой и противоположный процесс изменения трудовых ресурсов, который проявляется в динамике его развития. При отсутствии барьеров, препятствующих миграции, миграционный процесс может влиять на организацию или устранение диспропорций в развитии экономических систем соседних районов, которые перемещаются из регионов со слаборазвитой экономической системой и инфраструктурой в более развитые регионы. В статье проводится анализ миграции населения, изучение ее различных видов по территориальному охвату – межгосударственных и внутренних (например, между областями и внутри областей, между районами и внутри районов), отношений миграции населения, их значения. Также рассмотрены трудовые ресурсы отдельных территориальных единиц и населенных пунктов, дана необходимая информация.*

***Keywords:*** *migration, modeling, statistics, labor, migration processes, internal and interstate migration.*

*The article dwells on the issues of the process of population migration, which embodies a socio-demographic process and has a significant impact on the development of economic systems of the regions involved in the migration process. In recent years, an ever-increasing movement of population has been noted. It should be noted that within the economic systems of regions, migration processes represent a direct and opposite process of change in labor resources, which is manifested in the dynamics of its*

*development. In the absence of barriers to migration, the migration process can affect the organization or elimination of imbalances in the development of economic systems of neighboring areas that move from regions with an underdeveloped economic system and infrastructure to more developed regions. The article analyzes population migration, studies its various types by territorial coverage - interstate and internal (for example, between regions and within regions, between districts and within districts), population migration relations, their significance. The article also considers the labor resources of individual territorial units and settlements, provides the necessary information.*

Муҳоҷирати меҳнатии байнидавлатӣ ва дохилӣ, ки ҳаракати маҷбурӣ ё ихтиёрии меҳнатро аз сарҳадҳои давлатӣ ва минтақавӣ дар назар дорад, ба як падидаи паҳншуда табдил ёфта истодааст. Вазъи иҷтимоию демографие, ки дар мамлакат ташаккул ёфтааст, тақозо менамояд, ки нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди минтақаҳо аз нав дида баромада шавад. Раванди муҳоҷират ба сифати зиндагии аҳолӣ ва вазъи иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, ҳамзамон оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатии беназорат боиси зарурати баҳодиҳии таъсири он ба иқтисоди пинҳонӣ мегардад. Ҳамчунин бояд ба назар гирифт, ки барои муҳоҷирони меҳнатӣ имконияти таъмин будан бо кор дар бахши расмии иқтисодиёт муҳимтар аст.

Тибқи назарияҳои муосири ҳифзи иҷтимоӣ ва даромади аҳолӣ, қарорро муҳоҷири эҳтимолӣ дар якҷоягӣ бо дигар аъзои оилааш, ки ҷойи кор ва истиқоматашонро иваз намекунанд қабул мекунад. Ҳадафи муҳоҷират ба ҳадди максималӣ расонидани даромаднокии на як шахс, балки ҷомеаи шаҳрвандоне мебошад, ки ҳам хароҷот ва ҳам даромадро аз муҳоҷирати як узви ҷомеа байни худ тақсим мекунанд. Инчунин дар назарияи нави иқтисодии муҳоҷират аҳамияти чунин омил, ба монанди дапаҷаи даромади муҳити оила таъкид шудааст. Норозигӣ аз мавқеъи иҷтимоии онҳо дар ватани худ метавонад аъзои оиларо ба муҳоҷирати меҳнатӣ бо мақсади зиёд намудани даромади онҳо маҷбур намояд.

Бо мақсади таҳлили таъсири вазни қиёсии миқдори умумии бекорон ба суръати афзоиши муҳоҷират, танҳо маълумоти муқоисашавандаи ҳашт мамлакат аз рӯи дараҷаи бекорӣ барои солҳои 2021 ва соли 2022 оид ба муҳоҷират дар ҷадвали 1., истифода шудааст, [7].

***Ҷадвали №1. Маълумоти муқоисашаванда барои баъзе мамлакатҳо дар соли 2021 оид ба бекорӣ ва 2022 оид ба муҳоҷират.***

| Давлатҳо | Вазни қиёсии шумораи умумии бекорон, бо % дар соли 2022 | Коэффитсиенти афзоиши муҳоҷират ба ҳар 1000 нафар, бо % дар соли 2022 |
|---|---|---|
| Федератсияи Россия | 17.5 | 8.2 |
| Украина | 22.1 | 21.4 |
| Қазоқистон | 10.8 | 8.3 |
| Олмон | 10.1 | 7.4 |
| Италия | 12.4 | 8.3 |
| Ӯзбекистон | 17.3 | 43.1 |
| Тоҷикистон | 2.1 | 12.4 |

***Сарчашма: http://naukovedenie.ru интернет - журнал. Выпуск 5 (24), сентябрь. 2022. publishing@naukovedenie.ru.***

Дар асоси маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда, хулосаи амиқ баровардан мумкин аст ва вазни қиёсии баланди шумораи умумии бекорон дар мамлакате, ки барои кӯчидан интихоб шудаанд, барои муҳоҷирон монеаи равонӣ ба ҳисоб намеравад. Муайян кардани робитаи аз ҷиҳати оморӣ муҳим байни вазни қиёсии шумораи умумии бекорон бо (%) дар соли 2021 ва даромади муҳоҷират ба 1000 нафар дар соли 2022 дар асоси маълумоти мавҷудаи муқоисашавандаи мамлакатҳо имконнопазир аст. Сарфи назар аз баланд будани дараҷаи бекорӣ дар як қатор давлатҳо, муҳоҷирон то ҳол ба ин давлатҳо барои муҳоҷиршавӣ майл доранд. Бо баробари муҳоҷирати байнидавлатӣ муҳоҷирати дохилӣ низ вуҷуд доранд ва бинобар ҷолибияти хоси субъектҳои алоҳидаи мамлакат ин падида нисбатан оммавӣ гардидааст.

Вобаста ба ин расминамоии забон ва рушди муносибатҳои кибернетикӣ ба назар мерасад, ки имкон медиҳад бо миқдори зиёди тағйирёбандаҳо кор карда, ҳисобҳои мураккабро бо ёрии компютер, аз ҷумла бо истифода аз бастаи барномаҳои амалии MS Excel анҷом диҳем ва

маълумоти ибтидоии муҳоҷирати дохилӣ ва байнидавлатии мамлакатро дар ҷадвали зерин пешкаш намоем.

***Ҷадвали №2. Тақсимоти шумораи муҳоҷирон аз рӯи самти ҳаракат (ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумии омадан ва рафтан, ҳазор нафар), [9, саҳ. 75-78].***

| Солҳо | Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2022 |
| Миқдори ҳамагии омадагон | 74,9 | 37,1 | 14,5 | 18,0 | 29,6 | 35,3 | 34,7 | 33,5 |
| Муҳоҷирати дохилӣ | 50,3 | 31,6 | 12,8 | 16,8 | 28,3 | 34,7 | 34,6 | 33,2 |
| Муҳоҷирати байни давлатӣ | 20,0 | 5,5 | 1,7 | 1,1 | 1,4 | 0,6 | 0,1 | 0,3 |
| Миқдори рафтагон | 101,3 | 74,9 | 28,2 | 27,3 | 36,1 | 40,1 | 42,6 | 40,8 |
| Афзоиши | - 26,4 | - 37,8 | - 13,7 | - 9,3 | - 6,5 | - 4,8 | - 7,9 | - 7,3 |

***Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. ГУАСПРТ, 2022. - С. 75 - 78.***

Масъалаи навбатиро омӯхта мебароем ва байни дараҷаи фаъолияти иқтисодӣ ва суръати афзоиши муҳоҷират барои муҳоҷирати дохилие, ки аз нигоҳи муҳоҷират барои аҳолӣ ҷолибтаринанд, ягон қонуният мавҷуд аст? Ба сифати маълумотҳои зарурӣ, маълумоти муқоисашаванда барои мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи он хизмат мерасонад. Маълумотҳои ҷадвали поёниро барои соли 2022 истифода мебарем [9, с.22-28] ва ҷадвали 3., чунин шаклро соҳиб мегардад:

***Ҷадвали №3. Маълумотҳои ҷорӣ барои таҳлили соли 2022.***

| Субъектҳо | Дараҷаи фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ бо % | Коэффитсиентҳои афзоиши муҳоҷират ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ | Синну соли миёнаи аҳолии бо кор таъмингашта |
|---|---|---|---|
| Дар мамлакат | 54,5 | 32 | 41,0 |
| ш. Душанбе | 42,8 | 157 | 41,4 |
| в. Суғд | 63,6 | 148 | 41,2 |
| в. Хатлон | 61,6 | 156 | 39,5 |
| ноҳияҳои тобеи | 62,2 | 89 | 40,9 |
| ВМКБ | 60,5 | 13 | 40,3 |

***Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. ГУАСПРТ, 2022. - С. 22 - 28.***

Дар мамлакат аз лиҳози ҷолибтарин минтақа барои муҳоҷират ин шаҳри Душанбе аст. Душанбе аз ҷиҳати фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ фоизи каме пасттарро дар дараҷаи умумиҷумҳуриявӣ касб намудааст ва ВМКБ бошад, нисбатан суръати пасти афзоиши муҳоҷират ба ҳар 10 000 нафари аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст.

Вобастагии байни коэффитсиенти рушди муҳоҷират ва дараҷаи фаъолнокии иқтисодиро таҳлил менамоем. Дар таҳлил ВМКБ - ро ҳамчун минтақаи дорои шароити махсуси иқлимӣ ва эҳтиёҷоташ асосан ба коргарони беихтисос, инчунин ҳамчун минтақаи доро набудан, аз ҷумла бо захираҳои сӯзишвории барқароршаванда истисно менамоем.

Робитаи коррелятсионии назарраси мутаносиби мустақими хаттӣ (α=0,0083) - ро соҳиб мегардем, коэффитсиенти интихобии коррелятсияи ҷуфтҳои хаттии ба 0,81 баробар мебошад. Ҳамин тавр, муқоиса байни дараҷаи фаъолияти иқтисодӣ ва коэффитсиенти афзоиши муҳоҷират таносуби бевоситаи хаттии хеле зич, мавҷуд аст.

Дар ҷараёни таҳлил, таъсири коэффитсиенти афзоиши муҳоҷират ба синну соли миёнаи аҳолии шуғл дар минтақаҳои ҷолибтарин минтақҳои муҳоҷират таҳлил карда шуд. Таъсири ҷавонгардонии муҳоҷират ошкор карда шуда, таҳлили коррелятсионӣ истифода гардид. Ин таҳлилҳо ва асосҳоро бо он инъикос гардонидан мумкин аст, ки дар минтақаҳои нисбатан обод ҳам барои ҷавонон ва ҳам барои калонсолон ҷойи кор мавҷуд мебошад ва аз ин ҷиҳат, таъсири муҳоҷират ба синни миёнаи бо кор машғулбудаи аҳолӣ мушоҳида намегардад.

***Расми №1. Муодилаи регрессияи хаттии ҷуфтӣ байни дараҷаи фаъолнокии иқтисодӣ ва коэффитсиенти афзоиши муҳоҷират.***

Нақши бузургро дар пешгӯии хусусиятҳои сифатии равандҳои муҳоҷират ва баҳодиҳии гуногуни таъсири онҳо ба иқтисодиёт ва ҷомеа дар мамлакатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон,




инчунин ҳангоми ҳисоб кардани воситаҳои гуногуни идоракунӣ ва ташкили раванди муҳоҷирати имрӯза усулҳои оптимизатсионӣ ва назарияи назорати оптималӣ доранд [10, саҳ. 117-129].

***Ҷадвали 4. Натиҷаи ҳисобкуниҳо дар MS Excel.***

| | | |
|---|---|---|
| Маҷмуи R | 0,808 | |
| R - квадрат | 0,654 | |
| Қиматнокии F | 0,0083 | |
| | Коэффитсиентҳо | P - қимат |
| Y - буриш | - 210,6 | 0,0098 |
| Дараҷаи фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, % | 30,621 | 0,0083 |

Гузориши масъала дар дарёфти интихоби оқилонаи ду идоракунӣ (шиддатнокии раванди муҳоҷират ва профили синнусолии ин раванд), ки нигоҳ доштани миқдори муайяни аҳолиро таъмин мекунанд ва он имкон медиҳад стратегияҳои мушаххаси оптималии муҳоҷират ва квотаҳо барои дурнамои дарозмуддатро барои муҳоҷирон муайян менамояд, ифода меёбад.

Чӣ гуна нишондиҳандаҳои муҳимтарини иҷтимоию иқтисодие, ки муаммоҳои шуғли аҳолӣ ва муҳоҷиратро ифода карда, бо ҳам алоқамананд, дарёфт менамоем. Дар асоси ин маълумот метавон гуфт, ки афзоиши муҳоҷират боиси паст шудани дараҷаи музди миёнаи моҳона мегардад. Муҳоҷирон ба минтақаҳое, ки дараҷаи бекории кам доранд ва инчунин ба минтақаҳое, ки зичии аҳолӣ, зиёдро соҳибанд, бартарӣ медиҳанд.

Нишондиҳандаҳои муайяни ҳаракати муҳоҷирати аҳолӣ ва шиддатнокии он, яъне миқдори муҳоҷират ба ҳисоби миёнаи солонаи аҳолӣ, баробар аст. Дар амал истифодаи ин ду нишондиҳандаи шиддатнокии муҳоҷирати аҳолӣ маъмул аст, ки инҳо коэффитсиенти омадан ва рафтан (мутобиқан шумораи омадан ё рафтан ба 1000 нафар аҳолии миёнаи солона). Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои муайян кардани хусусиятҳои минтақавии муҳоҷират шумораи омадагон ва ё рафтагон (баръакс) ба ҳар 100 нафар аҳолӣ аст.

Нишондиҳандае, ки натиҷаи интиҳоии ҳаракати муҳоҷиратро тавсиф мекунад, бақия аст ва он метавонад ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ бошад. Тавозуни муҳоҷират дар давраи муайян n (SMn) фарқияти байни аҳолӣ дар охири давра (Nt+n) ва шумораи аҳолӣ дар аввали давра (Nt) аз ҳисоби афзоиши табиии аҳолӣ дар ин давра (*SPn*) мебошад, ки дар умум муодилаи зеринро ифода менамояд:

$$SMn = (Nt + n - NT) - SPn.$$

Дурустӣ ва саҳеҳии ҳисоб ба дурустии нишондиҳандаҳои афзоиши табиии аҳолӣ вобастагӣ дорад. Ҳангоми алоҳида ҳисоб кардани тавозуни муҳоҷират барои шаҳр ва деҳот бояд шумораи аҳолии деҳоте, ки дар натиҷаи дигаргунсозии маъмурӣ ба шаҳрҳо кӯчиданд (Na), агар ин ҳолат дар давраи баррасишаванда ба амал ояд, ба назар гирифта шавад ва тавозуни муҳоҷират шакли зеринро доро мегардад:

$$SM_n = \begin{cases} N_{t+n} - (N_t + N_a) - SP_n, \\ N_{t+n} - (N_t - N_a) - SP_n, \end{cases}$$

Ҳангоми омӯзиши муҳоҷирати аҳолӣ алоқаҳои муҳоҷиратиро байни шаҳрҳо, байни ноҳияҳо ва байни аҳолии деҳот ҷудо мекунанд. Аҳамияти асосиро дар ҳисоб кардани дурнамои ҳаракати эҳтимолии аҳолӣ, омӯзиши динамикаи мувозинати муҳоҷирати ҳудудҳои алоҳида дар давраи гузашта, сохтор, синну сол ва мансубият ба ҷинси аҳолии муҳоҷиркунанда, муайян намудани самтҳои асосии муҳоҷират ва иқтидори равандҳои ҳаракатку барои шаҳр; индагонии муҳоҷирони навро доро мебошад. барои деҳот.

Мақсади асосии ҷамъбастии ҳисоб кардани ҳаракати табиӣ ва м рои оянда аз он иборат мебошад, ки шумораи умумии он барои тамоми мамлакат, вилоятҳо, шаҳру деҳот ва барои омӯзиши амиқтар - барои маҳалҳои алоҳидаи аҳолинишин муайян карда шудааст. Вобастагии шумораи ояндаи аҳолиро аз унсурҳои асосии афзоиш ва ё камшавии он бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$Nt + n = Nt + Spn + SMn.$$

Намудҳои амсилаҳои муҳоҷират ин истифодаи усулҳои математикӣ, самаранокии таҳқиқи масъалаҳои муҳоҷирати аҳолиро хеле зиёд мекунад. Аммо ҳаминро бояд эътироф намуд, ки омилҳои он ҳанӯз ба таври пурра омӯхта нашудааст ва усулҳои пешгӯии муҳоҷират бошад, бояд такмил дода шуда ба дараҷаи дониши ба дастомада дар бораи равандҳои муҳоҷират мувофиқат кунонида шаванд.

Амсилаи бомуваффақияти муҳоҷират аз бисёр ҷиҳат ба фаҳмиши муайяни сохтори ин падида, моҳияти унсурҳо ва аз ҷузъҳои ибтидоии он вобастагӣ дорад. Предмети таҳлил, раванди муҳоҷират ҳамчун «маҷмуи ҳодисаҳое, ки аз паси худ ба иваз намудани ҷойи истиқомат оварда мерасонад», мебошад [11, саҳ. 30]. Ин мафҳум бо як қатор шартҳои зерин ба расмият даровarda мешавад:

- як силсила асосҳо (ҳодисаҳо) - и алоҳида бояд ба назар гирифта шаванд: пуррашавӣ, рафтан ё кӯчидан. Дар шароити маҷмуъҳои ҳудудӣ раванди муҳоҷират - ин худ силсилаи рафтан ва омадан аст, барои муҳоҷирон бошад ин ҳодиса ҳамчун кӯчидан ба ҷойи дигар маънидод мешавад. Аз нуқтаи назари оморӣ ҳар як воҳиди кӯчидан (тағйир додани ҷойи истиқомат) ду маротиба ба қайд гирифта мешавад: ҳамчун асоси рафтан аз минтақа ва ҳамчун асоси омадан ба ҷойи нав (бақайдгирӣ);
- ин ҳодисаҳо бояд шакли оммавиро доро бошанд, яъне маҷмуи аз ҷиҳати оморӣ муҳиму аслиро ташкил дода тавонад;
- ин ҳодисаҳо дар фосилаи муайяни вақт натиҷагирӣ ва таҳлил карда шаванд;
- ин ҳодисаҳо хислати фазоию маҳаллиро доро мебошанд, яъне нисбат ба воҳидҳои алоҳидаи ҳудудӣ, натиҷагирӣ карда шаванд. Барои ҳар як минтақа раванди муҳоҷират, ҳаракати дутарафа (омадан - рафтан) - ро ифода менамояд, ки натиҷаи он бо таъсири мутақобилаи ин равандҳои гуногунсамт муайян карда шаванд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ду гурӯҳи чунин хусусиятҳоро ба таври алоҳида қайд намоем: иҷтимоӣ - демографӣ (мансубият ба ҷинс, синну сол, ҳолати оилавӣ, миллат, дараҷаи таҳсил ва ғайра) ва иҷтимоӣ - ҷуғрофӣ (ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, мақом - шаҳр ё деҳот, рушди иқтисодӣ ва сохтори истеҳсолӣ, ки дар муҳоҷирати аҳолии шаҳр, ноҳияҳо ва минтақаҳо иштирок мекунанд), [11, с.140 - 148]. Таҳлил ва омӯзиши хусусияти хоси характеристикаҳои номбаргардидаи раванди муҳоҷират барои минтақаҳои гуногуни мамлакат яке аз вазифаҳои асосии таҳлилгар мебошад, ки ин марҳиларо мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Марҳилаи ҷамъбастии раванди муҳоҷират ин мутобиқшавии муҳоҷирони нав ба ҷойи нави истиқомат мебошад. Раванди мутобиқшавии муҳоҷир ба ҷойи нав аз рӯи се марҳилаи асосӣ, амалӣ мегардад:

- мутобиқшавӣ ба муҳити нави иҷтимоӣ - демографӣ (барқарор сохтани робитаҳои нави дӯстӣ, оилавӣ, алоқаҳои дигар ва ғайра);

- мутобиқшавӣ ба вазъи иҷтимоӣ - иқтисодӣ, ҷойи нави истиқомат (масалан, аҳолии деҳот маҷбур мегардад, ки ба тарзи зиндагии шаҳр одат намояд ва ё баръакс);
- мутобиқшавӣ ба муҳити табиӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии аҳолӣ.

Мақсади асосии амсилаиронӣ дар ин марҳила дусамта мебошад: аз як самт, муайян намудани робитаи суръати мутобиқшавӣ ва нишондиҳандаҳои ҷойгиршавии ҷуғрофии аҳолӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳида, самти дигар боша, ин баҳодиҳии тағйироти чунин нишондиҳандаҳо зери таъсири талаботҳои нав ба шароитҳои берунӣ, ки ба муҳоҷирон пешниҳод мегарданд.

**АДАБИЁТ:**


1. Азимов, А. Некоторые проблемы трудовой миграции в Республике Таджикистан/А.Азимов // Сборник Международного симпозиума «Миграционный мост между Центральной Азией и Россией: моделирование и эффективное управление миграционными потоками». - Москва-Худжанд, 2018. - 560с.
2. Андриенко Ю.Разработка прикладной модели внутренних и внешних миграционных потоков населения для регионов Российской Федерации// Андриенко Ю., Гуриев С. / Отчет по проекту в рамках Программы поддержки независимых экономических аналитических центров МОНФ. ЦЭФИР, 2006.
3. Ахиезер, А.С. Социально-культурные проблемы развития России/А.С.Ахиезер.-М.: Ин-т науч. информации по обществ.наукам РАН, 1992. - 82 с.
4. Бекяшев, Д.К. Международно-правовое регулирование вынужденной и трудовой миграции: моногр/ Д.К. Бекяшев, Д.В. Иванов. - М.: Проспект, 2015. - 392 с.
5. Васильева А.В.Динамическая модель трудовой миграции: построение и реализация // Васильева А.В., Тарасьев А.А / Экономика региона. - 2012. - № 4. - С. 140 - 148.
6. Волох, В. Незаконная миграция: причины и следствия/Миграция в России, - №2, 2012.
7. Интернет ресурс на сайте http://naukovedenie.ru интернет - журнал. Выпуск 5 (24), сентябрь. 2022. publishing@naukovedenie.ru.
8. Крикун, М. Тезисы пленарных докладов на первом международном Конгрессе «Евразия: занятость в XXI веке». - Киев, 2012.
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. ГУАСПРТ, 2022. - С. 75 - 78.
10. Регент, Т. Проблемы регулирования миграционных процессов / Миграция, - №4, 2007. - С. 117-129.
11. Рыбаковский, Л.Л. Миграция населения (вопросы теории)/Л.Л.Рыбаковский.- М.: ИСПИ РАН, 2003. - С. 30.


**REFERENCES:**


1. Azimov A. Some problems of labour migration in the Republic of Tajikistan. // Collection of the International Symposium «Migration Bridge between Central Asia and Russia: Modeling and Effective Management of Migration Flows». - Moscow-Khujand, 2018. - 560 p.
2. Andrienko Yu., Guriev S. Development of an applied model of internal and external migration flows of the population for the regions of the Russian Federation / Project report within the framework of the Program for Support of Independent Economic Analytical Centers of the MONF. CEFIR, 2006.
3. Akhiezer A.S. Socio-cultural problems of Russian development. - M.: Institute of Science. information on social sciences of the Russian Academy of Sciences, 1992. - 82 p.
4. Bekyashev D.K. International legal regulation of forced and labour migration: monograph. / D.K. Bekyashev, D.V. Ivanov. - M.: Prospekt, 2015. - 392 p.
5. Vasilyeva A.V., Tarasev A.A. Dynamic model of labour migration: construction and implementation // Economics of the region. - 2012. - No. 4. - P. 140 - 148.
6. Volokh V. Illegal migration: causes and consequences/Migration in Russia, No. 2.-2012.
7. Internet resource on the site http://naukovedenie.ru Internet magazine. Issue 5 (24), Sept. 2022. publishing@naukovedenie.ru.
8. Krikun M. Abstracts of plenary reports at the first international Congress «Eurasia: employment in the 21st century»-Kyiv, 2012.
9. Annual statistics of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe. GUASPRT, 2022. - p. 75-78.
10. Regent, T. Problems of regulation of migration processes / Migration, - No. 4.- 2007. - P. 117-129.
11. Rybakovsky L.L. Population migration (questions of theory). - M.: ISPI RAS, 2003. - S. 30.